**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Раҷабзода Аъзамҷон Куралӣ дар мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)**

Талбак Назаров - академик, доктори илмҳои иқтисодӣ дар давоми фаъолияти доманадори худ дар соҳаҳои илм, маориф, иқтисод, корҳои давлатдорӣ ва дипломатияи ҷумҳурӣ нақши чашмраси худро боқӣ гузоштааст. Ӯ дар замони шӯравӣ ва замони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ дар вазифаҳои ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, вазири маориф, муовини аввали раиси Шӯрои вазирон ва вазири иқтисод, ноиби президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон, роҳбари дастгоҳи иҷроияи Роҳбари давлат, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст. Ҳамин тариқ, ӯ солҳои зиёд дар корҳои давлатдорӣ, аз ҷумла дипломатияи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ходимони калидӣ ба шумор мерафт.

Талбак Назаров дар таърихи навини Тоҷикистон яке аз нахустин роҳбарони Вазорати корҳои хориҷист, ки дар роҳандозӣ ва пешбурди сиёсати хориҷии давлат нақши муҳим бозида, бо донишу таҷрибаи бойи худ дар ташаккули дипломатияи тоҷик саҳми арзанда гузоштааст. Ӯ дар давоми 12 соли фаъолияти худ дар вазифаи вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1994-2006) дар рушди сиёсати хориҷӣ, таҳкими равобити байналмилалӣ ва тарбияи кадрҳои дипломатӣ саҳми бузург гузоштааст. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи ҳаёту фаъолияти ходими давлатӣ Талбак Назаров дар замони муосир, махсусан, дар соҳаи дипломатияи муосири тоҷик бисёр муҳим ба ҳисоб меравад.

Аз ин нигоҳ, пажӯҳиши илмие, ки дисертант Раҷабзода Аъзамҷон Нуралӣ дар мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷом додааст, дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва илмию амалӣ мебошад. Муаллифи ин пажӯҳиш бо далелҳои мушаххасу асоснок саҳми Талбак Назаровро дар ташаккули дипломатияи тоҷик ба таври комил таҳлил намудааст.

Аз матни автореферат бармеояд, ки диссертатсия аз мундариҷа, номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад.

Дар автореферати диссертатсия мақсаду вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, аҳамияти амалию назариявӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгонии илмӣ, асосҳои назариявию методологӣ ба таври дақиқ ва илмӣ таҳлил карда шудаанд.

Автореферати диссертатсия дар асоси сарчашмаҳои илмӣ навишта шуда, мазмун ва муҳтавои пурраи таҳқиқоти илмиро дар бар мегирад. Муаллиф аҳамияти илмиву амалии мавзуи таҳқиқотро равшан сохта, онро воқеъбинона таҳлил кардааст ва дар асоси он пешниҳоду тавсияҳои худро зикр намудааст.

Матни автореферат исбот мекунад, ки муаллиф масъалаҳои калидии рушди сиёсати хориҷии Тоҷикистонро таҳлил намуда, нақши Талбак Назаровро дар бунёди асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии дипломатияи кишвар баррасӣ кардааст. Дар таҳқиқот бо далелҳои воқеӣ нишон дода шудааст, ки фаъолияти Т. Назаров дар мақоми вазири корҳои хориҷӣ барои муаррифии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва узвияти он дар созмонҳои ҷаҳонӣ нақши муҳим бозидааст.

Муаллиф муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистонро дар замони роҳбарии Талбак Назаров ба таври васеъ таҳлил намуда, нишон додааст, ки ӯ бо маҳорати баланди дипломатӣ тавонист барои ба сатҳи нави рушд баровардани равобити кишвар бо давлатҳои гуногун саҳми арзанда гузорад. Хусусан, масъалаҳои ба даст овардани эътирофи байналмилалӣ ва ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалию минтақавӣ дар ин тадқиқот бо асосҳои илмӣ баррасӣ шудаанд.

Яке аз паҳлуҳои муҳими автореферат - таҳлили саҳми Талбак Назаров дар рушди кадрҳои дипломатӣ ва таҳкими дипломатияи касбӣ дар Тоҷикистон мебошад. Муаллиф бо овардани мисолҳои мушаххас нишон медиҳад, ки Т. Назаров дар омода кардани насли нави дипломатони тоҷик нақши бузург бозидааст. Ин мавзуъ ба таври ҷолиб ва бо истифода аз таҳлилҳои муқоисавӣ баррасӣ шудааст.

Дар умум, дар асоси автореферат метавон гуфт, ки мавзуи таҳқиқшаванда як пажӯҳиши ҷолиб ва муҳим ба ҳисоб рафта, ба арзёбии саҳми Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон равшанӣ меандозад. Муаллиф бо истифода аз манбаъҳои гуногун ва далелҳои таърихӣ тавонистааст як таҳлили мукаммал ва муҳими илмиро пешниҳод намояд. Ин тадқиқот барои олимон, донишҷӯён ва мутахассисони соҳаи дипломатия муфид буда, дарки амиқи раванди ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистонро барои алоқамандон фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки автореферат ва диссертатсияи Раҷабзода Аъзамҷон Нурали дар мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳияи диссертатсия ва автореферати он ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) арзанда аст.

**Муқарриз,**
**н.и.т., Сафири Фавқулода**
**ва Мухтори Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон дар Украина** **Назризода Давлаталӣ Ҳайдар**

**Имзои Д.Ҳ. Назризодаро**
**тасдиқ менамоям:**
**мушовири Сафорат** **Муҳаммад Эгамзод**

24.04.2025.

**Суроға:** 01014, ш. Киев, тангкӯчаи Зверинетский, хонаи 3
**Телефон:** +38(044) 390-89-98; **Факс:** +38 (044) 286-18-00
**Почтаи электронӣ:** 1211.2020.navra.vara@gmail.com ва tajembkyiv@mfa.tj